# Баргузор намудани семинарҳои сайёр дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 13 June, 2022 - 22:47
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди 47-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ҷиҳати доир кардани семинарҳои сайёр оид ба ташвиқу тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ

ва миёни ақаллиятҳои миллӣ ва банди 39-и нақшаи чорабиниҳо бобати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар машварати корӣ бо фаъолони вилояти Хатлон 24-уми феврали соли 2022 баён доштанд, нақшаи чорабиниҳои дохилӣ таҳия намуд.
Тибқи нақшаи мазкур гурӯҳи кории Кумита тасмим гирифтааст, ки аз 13-ум то 25-уми июни соли 2022 дар шаҳри Бохтар, ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Носири Хусрав, Дӯстии вилояти Хатлон бо иштироки кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои ҳудуди он семинарҳои сайёр баргузор намояд. Дар рафти семинарҳои сайёр аз ҷониби гурӯҳи кории Кумита амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба сиёсати давлатӣ оид ба забон ба аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда мешавад.

**Content rating:** 5

Average: 5 (4 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [1]
- Фаъолият [2]

**Source URL:** http://kumitaizabon.tj/en/node/6846

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/24